## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**доктори илмҳои филология, мудири кафедраи забонҳо ва фанҳои гуманитари МДТ “Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологӣ МИСИС да шаҳри Душанбе” Нозимов Абдулҳамид Абдуалимович ба диссертатсия Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович дар мавзуи «Истилоҳоти тиббии осор Ҳомид Зоҳидов (ҷанбаи лингвистӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзад илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ, Хуҷанд, **2023. 176 саҳ.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Забони тоҷикӣ аз зумраи забонҳои пурғановате мебошад, ки дар онҳо услуби илмӣ собиқаи куҳан дошта, то имрӯз аз ҷониби фарзонагони ин миллат асарҳои сершуморе доир ба мавзуъҳои мухталиф рӯйи кор омада, дар пешрафти улуми гуногун ва таҳким бахшидани пояҳои онҳо саҳми бориз гузоштаанд.

Ниёгони хирадманду донишвари мо дар ташаккул ва тавсеа пайдо намудани як қатор илмҳо, бо таълифи осори муҳиму бунёдӣ, нақши мондагор гузошта, бо ин васила тавонмандиҳои илмии забони тоҷикиро нишон дода, дар шаклгирии истилоҳоти илмии соҳаҳои мухталиф саҳм гузоштаанд. Аз ҷумла, дар рушди тибби ҷаҳонӣ олимони шинохтаи тоҷик Ҷобири Хайём (722-813), ки дар Аврупо бо исми Гебер иштиҳор дорад, Закариёи Розӣ (865-925), Абурайҳони Берунӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абунасри Форобӣ ва дигарон саҳми чашмрас доранд, ки баъзе асарҳои офаридаи эшон то ба имрӯз арзиши илмиву амалии худро аз даст надодаанд.

Зикри ин нукта ба назар муҳим менамояд, ки асарҳои доир ба ҷанбаҳои мухталифи тибб таълиф намудаи донишмандони тоҷик, дар баробари таркиби луғавии бою рангин доштан, аз ҷиҳати фарогирии истилоҳвожаҳо хазинаи бузург ва пурасрор мебошанд, ки таҳқиқи онҳо барои муайян намудани таърихи ташаккул ва рушду такомули истилоҳшиносӣ дар забоншиносии тоҷик басе муҳим ва мубрам арзёбӣ мешавад.

Мавриди тадқиқ қарор додани хусусиятҳои забонӣ ва истилоҳсозиву истилоҳгузинӣ дар ин гуна асарҳо ба мо имконият медиҳад, ки доир ба ташаккул ва тавсеаи тибби тоҷик, марҳилаҳои рушди терминологияи илмӣ дар ин соҳаи ҳаётан муҳим ва вожаҳои мансуб ба соҳаи мазкурро бештар

маърифат намуда, дар густариши имкониятҳои илмии забони тоҷикии адабӣ ва ҳамқадами замон гардидани он ҳиссагузор бошем.

Ҳарчанд то ба имрӯз садҳо китобу рисола аз ҷониби гузаштагони мо доир ба илми тибб таълиф ва ба ҷаҳониён пешкаш гардида бошад ҳам, вале мутаассифона, аксарашон аз ҷиҳати забоншиносӣ пажуҳиш нагардида, хусусиятҳои лингвистӣ ва мавқеи истилоҳот дар таркиби луғавии онҳо аз назари муҳаққиқон барканор мондааст.

Бояд қайд намуд, ки доир ба истилоҳоти илмии соҳаи тибби халқи тоҷик як гурӯҳ олимон, ба монанди М.Я.Расулов, М.Н Қосимова, М.Султонов, А.Юсуфов, Ш.Ҳайитова, А.Байзоев, П.Абдулҳамидов, С.А. Аноятшоев, Ҳ.Қ. Рофиев ва дигарон тадқиқотҳои мутааддид сурат гирифта, дар ин замина истилоҳоти тиббии асарҳои ҷудогона ба маърази пажуҳиш кашида шудаанд, ки натиҷаи ҷустуҷӯ ва ковишҳои эшон дар шакли фарҳангномаҳои соҳавӣ, рисола ва мақолаҳо ба маърази умум гузошта шудаанд. Аммо ин маънои онро надорад, ки муаммои соҳаи истилоҳшиносии тиббӣ пурра ҳал гардида, ин масъала дигар мубрам нест. Бояд тазаккур дод, ки бо вуҷуди ин тадқиқотҳо, ҳанӯз кам нестанд асарҳои тиббие, ки истилоҳвожаҳои онҳо пажуҳиш нагардида, мавқеъ ва ҷойгоҳи ин гурӯҳи воҳидҳои луғавӣ дар таркиби луғавияшон муайян карда нашудааст. Аз ин рӯ, диссертатсияи илмии Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович дар мавзуи “Истилоҳоти тиббии осори Ҳомид Зоҳидов (ҷанбаи лингвистӣ)” ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси **10.02.01 – Забони тоҷикӣ** пешниҳод гардидааст, мутобиқат мекунад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия**. Бо дарназардошти аҳаммияти бузурги илмӣ ва хазинаи калони истилоҳоти тиббӣ эътироф гардидани осори Ҳомид Зоҳидов, инчунин, аз назари муҳаққиқон барканор мондани онҳо аз ҷониби унвонҷӯ Нодир Ҳусанбоев пазируфта шудани масъалаи пажуҳиш намудани хусусиятҳои забонии истилоҳоти тиббии ин олим ба ҳайси мавзуи рисолаи номзадӣ шоистаи таҳсин ва қадршиносист. Дар воқеъ, масъалаи мазкур басе мубрам ва муҳим мебошад, зеро осори мавриди пажуҳиши он аз ҷиҳати фарогирии истилоҳоти соҳаи тибби халқи тоҷик аз аҳамияти вежа бархӯрдор мебошанд. Ҳамчунин, омӯзишу баррасии истилоҳоти тиббии осори Ҳомид Зоҳидов барои муайян намудани баъзе паҳлуҳои таърихи ташаккул ва таҳаввули терминологияи илмии тоҷик, умуман, соҳаи тиб

махсусан, муҳим ба шумор меояд. Ғайр аз ин, тадқиқи масъалаи мазкур барои боз ҳам тавсеа пайдо намудани услуби илмӣ ва ба талаботи замони муосир бештар мувофиқ гардидани забони тоҷикӣ шароит фароҳам меоварад.

**Дараҷаи навоварии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Бо вуҷуди он, ки истилоҳот ва вожаҳои марбут ба соҳаи тиб аз ҷониби забоншиносон ба то як андоза маврид таҳқиқ қарор гирифта бошанд ҳам то ҳол истилоҳоти тибби суннатии мардуми тоҷик ва ҷанбаъҳои забонии он ба таври мукаммал омӯхта нашудааст. Дар диссертатсияи Ҳусанбоев Нодир вожаҳо ва истилоҳоти мансуб ба тибб дар заминаи истилоҳоти тибби халқии мардуми тоҷик бори аввал мавриди таҳқиқи густурда қарор гирифта, вижагиҳои истилоҳоти тибби суннатӣ аз ҷиҳати маъно ва истифодаи онҳо дар ҷабҳаҳои гуногуни соҳаи тиб ба риштаи таҳлил кашида шудаанд. Ҳамчунин истилоҳоти тибби суннатӣ аз ҷиҳати ифодаи маъно ва мансубияти онҳо ба зершуъбаҳои тиб ба монанди номи бемориҳо, номи давоҳо, номи ахлоту рутубатҳо, номи васоили тиббӣ ҳангоми муолиҷа ва воҳиди вазну андозаҳои тиббӣ тасниф гардида, шарҳ ёфтаанд. Аз ин ҷиҳат, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда мубрам арзёбӣ мегарданд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Хулосаи диссертатсия дар 15 банди мукаммал оварда шуда, ба сифати тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ 4 таклиф манзур гардидааст. Бо итминон метавон гуфт, ки муаллифи диссертатсия бо назардошти нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки маҷмуан навоварии илмӣ ба ҳисоб мераванд, ба дараҷаи илмии дархостшаванда сазовор мебошанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳаммияти илмии диссертатсия, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки бо муҳтавои асарҳои доир ба тибби суннатӣ, ки дар гузашта аз ҷониби табибони мардумӣ офарида шудаанд, шиносоии бештар пайдо намоем. Натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва маводи ҷамъоваришуда метавонад барои коркард ва таҳияи фарҳанги истилоҳоти тибби суннатӣ мусоидат намояд. Ҳамчунин, таҳқиқи мазкур барои муайян

намудани хусусиятҳои истилоҳоти асарҳои тибби қадим ва роҳҳои пажуҳиши онҳо дар забоншиносӣ ёрӣ медиҳад.

**Қисми асосии таҳқиқ**. Диссертатсияи Нодир Ҳусанбоев «Истилоҳоти тиббии Ҳомид Зоҳидов (ҷанбаи лингвистӣ)» унвон дошта, муаллиф натиҷаи тадқиқотҳои худро дар қолаби муқаддима, се боб, фаслу зерфаслҳо ва хулоса тарҳрезӣ намудааст. Муқаддима аз рӯйи талабот таҳия гардида, дар он масъалаҳои мубрамияти мавзуи тадқиқ, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои он, объект ва предмет, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаҳо, аҳаммияти назариву амалии тадқиқот ва ғайра арзёбӣ гардидаанд, ки ин ҳама аз дақиқкориву жарфнигарии соҳиби рисола шаҳодат медиҳанд.

Боби якуми рисола «Масъалаҳои назариявию амалии истилоҳнигорӣ ва хусусиятҳои сохтории истилоҳоти тибби суннати халқи тоҷик» номгузорӣ гардида, дар он масъалаҳои омӯзиши истилоҳоти илмӣ дар забоншиносии тоҷик, манбаъҳо ва сарчашмаҳои осори тиббии Ҳомид Зоҳидов, сохтор ва вежагиҳои асарҳои ӯ тадқиқ гардидаанд. Чунонки маълум аст, забони тоҷикӣ дорои услуби илмии куҳан мебошад, ки бо истифода аз он ҳазорҳо рисолаву китобҳои мухталифҳаҷму гуногунмазмун дар соҳаҳои мухталиф навишта шудааст, ки дар таркиби луғавии онҳо, баробари вожаҳои маъмул, истилоҳот дорои мақоми намоён буда, як гурӯҳи чашмраси воҳидҳои луғавиро ташкил медиҳанд. Пас табиист, ки як гурӯҳ забоншиносон барои муайян намудани мавқеи истилоҳвожаҳо ва хусусиятҳои лингвистияшон пажуҳишҳои мутааддид ба анҷом расонида, тадқиқотҳои худро интишор намудаанд. Аз ин рӯ, аҳамияти ин фасл дар он зоҳир мегардад, ки муаллифи рисола тадқиқотҳои дар ин самт ба анҷомрасидаро мавриди арзёбӣ ва баҳодиҳии воқеӣ қарор дода, доир ба ҳар кадоми онҳо андеша ва хулосаҳои худро иброз доштааст. Хамчунин, дар ин боби рисола хусусиятҳои усули сарфӣ, наҳвию сарфӣ ва луғавию наҳвии истилоҳсозӣ дар осори тиббии Ҳомид Зоҳидов таҳлилу тадқиқ шудаанд.

Пажуҳишҳои муаллифи рисола муайян месозад, ки осори тиббии Ҳомид Зоҳидов аз ҷиҳати фарогирии истилоҳвожаҳо басе бою рангин буда, нишон медиҳанд, ки ниёгони мо дар соҳаи тибб пешрафтҳои чашмрас дошта, дар ташаккул ва тавсеаи истилоҳоти ин бахши илм саҳми намоён гузоштаанд. Ин

нукта низ маълум мешавад, ки як гурӯҳи калони истилоҳҳои тиббӣ тавассути калимасозӣ шакл гирифтаанд.

«Таснифоти истилоҳоти тиббии «Канзи шифо» ва «Хазинаи тибби қадим» аз рӯйи маъно» унвони боби дуюми рисола буда, фарогири панҷ фасл ва шаш зерфасл мебошад. Дар ин боб масъалаҳои гурӯҳҳои маъноии истилоҳоти тиббии осори мазкури Ҳомид Зоҳидов, терминҳои ифодагари мафҳумҳои марбут ба бемориҳо, номи аъзои бадани инсон, рутубат ва моддаҳо, номи давоҳо, роҳҳои табобат, мизоҷ ва кайфияти давоҳову таъсири онҳо ва усурҳои луғавии номи баёнгари воҳидҳои ченак ва олоту зарфҳое, ки барои омода намудани давоҳо корбаст мекарданд, ба маърази тадқиқ кашида шудаанд. Аз таҳлилу баррасӣ ва хулосаҳои муаллиф дар фаслҳои ин боб метавон фаҳмид, ки истилоҳоти тиббии осори Ҳомид Зоҳидов аз ҷиҳати ифодаи мафҳумҳо мухталиф буда, аз ғановати терминологияи тибби тоҷик шаҳодат медиҳанд. Ин таснифоти муаллифи рисола аз чанд ҷиҳат муҳим арзёбӣ гардида, шаҳодат аз он медиҳад, ки истилоҳоти тиббие, ки дар ин асарҳо корбаст шудаанд, мафҳумҳои мухталифи соҳаи тиббро ифода менамоянд.

Аҳаммияти ин тадқиқот дар он зоҳир мешавад, ки муаллиф бо далелҳои илмӣ собит сохтааст, ки истилоҳоти тиббии тоҷикӣ аз ҷиҳати ифода намудани мафҳумҳои ин соҳа ҷавобгӯ ба талаботҳои замони муосир буда, метавонанд ба ҷои истилоҳоти иқтибосӣ ба кор бурда шаванд. Зеро ин бахши илм дар таърихи миллати мо собиқаи куҳан дошта, мавҷудияти садҳо ҷилд китоб доир ба ин соҳа фарогири истилоҳоти сершуморе ҳастанд, ки метавонанд ниёзҳои моро бароварда созанд.

Боби сеюми рисола, ки «Истилоҳоти тиббии «Канзи шифо» ва «Хазинаи тибби қадим» аз ҷиҳати баромад» ном дорад, фарогири се фасл ва чандин зерфасл мебошад, ки дар онҳо истилоҳот аз ҷиҳати баромади забонӣ тадқиқу пажӯҳиш шудаанд. Чунонки аксари таркиби луғавии забони тоҷикиро калимаҳои иқтибосӣ ташкил медиҳанд, як гурӯҳи калони истилоҳоти илмии он низ аз забонҳои мухталиф сарчашма мегиранд ва ин зуҳурот баёнгари он аст, ки миллати тоҷик дар тӯли мавҷудияти худ бо миллатҳои мухталиф таъсири мутақобили доштааст, ки ин равандро дар системаи терминологияи илмӣ ба хубӣ мушоҳида карда метавонем.

Махсусан дар давраи нави таърихи ташаккули забони тоҷикӣ ба таркиби луғавии он вожаҳои зиёде аз забони арабӣ ворид гардиданд, ки аксари муҳаққиқон омили асоси онро ба зуҳруи ислом ва таъсири осори динӣ, тарҷума ва тафсири онҳо марбут медонанд, ки воқеан шоитсаи қабул ва эътимод аст. Ҳамчунин дар хотир бояд дошт, ки ҳудуди дусад сол забони арабӣ ҳамчун забони дин ва илму адабиёт дар қаламрави ислом ривоҷ дошт ва албатта, ин омил наметавонад ба низоми истилоҳоти илмии тоҷикӣ, ки солҳо дар зери таъсири забони арабӣ ва фарҳанги исломӣ қарор дошт, бетаъсир бошад. Агар бигӯем, ки беш аз панҷоҳ дарсади истилоҳоти тамоми соҳаҳои илмии тоҷикӣ аз забони арабӣ маншаъ мегиранд ва ё иқтибосоте ҳастанд, ки аз забонҳои дигар тавассути забони арабӣ вом шудаанд, муболиға нахоҳад буд, зеро далелҳои мавҷуда ин андешаи моро таъйид месозанд.

Дар ин боби рисола ҳамчунин ик гурӯҳ истилоҳоти тиббии юнониасл таҳлилу баррасӣ шудаанд, ки қобили таваҷҷуҳ мебошанд. Бояд гуфт, ки таъсри илму адаби Юнон на танҳо ба забони форсии тоҷикӣ, балки ба ҳамаи миллату халқиятҳои олам маълуму машҳур аст, зеро ин кишвар гавҳораи илму тамаддуни башарият эътироф шудааст. Дар забони тоҷикӣ роиҷ гардидани истилоҳоти тиббии юнонӣ собиқаи куҳан дошта, давраи рушуду нумуи он ба замони Сосониён, ки дар марокизи илмӣ асарҳои олимони юнониро тарҷума ва нашр менамуданд, рост меояд. Ғайр аз ин, дар боби мазкур истилоҳоти тиббии туркӣ, ҳиндӣ ва суриёнӣ аз назари тадқиқ гузаронида шудаанд, ки аз рангорангии истилоҳвожаҳои осори тиббии Ҳомид Зоҳидов шаҳодат медиҳанд.

Дар қисмати хулоса унвонҷӯ натиҷаҳои пажуҳиши худро дар 15 нукта баён намудааст, ки ҳар кадоми онҳо дорои мантиқи устувор ва асоси илмии қавӣ мебошанд. Аз хулосаҳои соҳиби рисола метавон дарк намуд, ки ӯ дар омӯзишу баррасии масъалаи мавриди тадқиқ муваффақ гардида, дар гиреҳкушоии ин бахши забоншиносии тоҷик саҳми хешро гузоштааст. Аз назар гузаронидани адабиёти истифодашуда баёнгари он аст, ки Нодир Ҳусанбоев аксари тадқиқоти дар ин самт ба анҷомрасидаро мутолиа намуда, дар мавридҳои зарурӣ аз онҳо суд ҷустааст.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Чунонки маъмул аст, дар баробари комёбиҳои сершуморе, ки дар боло чанде аз инҳоро зикр намудем, баъзе камбудиву

норасоиҳо ба назар расид, ки нишон додани онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Боби сеюми рисола бояд дар сурати «Истилоҳоти тиббии «Канзи шифо» ва «Хазинаи тибби қадим» аз ҷиҳати бароmади забонӣ» номгузорӣ мешуд, яъне мафҳуми «забони» бояд махсус оварда мешуд, дар он сурат мақсад мушаххас мегардид;

2. Азбаски дар рисола ҷанбаи лингвистии истилоҳоти тиббӣ тадқиқу баррасӣ шудааст, ба андешаи мо, овардани маълумот доир ба сарчашмаҳои осори Ҳомид Зоҳидов зиёдатист (саҳ. 18-21);

3. Дар рисола усули ягонаи зикри олимон риоя нагардидааст, чунонки дар саҳифаи 27 исми эроншиносони зерин ду хел овардааст, Ю.А. Рубинчик ва Пейсиков Л.С.

4. Мақолаи даҳуме, ки дар охири автореферат оварда шудааст, ба мавзуи тадқиқи рисола алоқаманд набуда, зикри он ҳоҷат нест;

5. Дар қисмати русии автореферати диссертатсия муаллиф тарҷума намудани мисолҳо (истилоҳот)-ро зарур надонистааст, ба андешаи мо варианти русии онҳоро овардан арзиши илмии тадқиқотро бештар менамуд;

6. Муаллиф доир ба масъалаҳои баррасишаванда бо овардани андешаи дигарон иктифо намуда, дар аксар маврид аз таҳлил ва гиреҳкушоии онҳо худдорӣ менамояд.

Бояд гуфт, ки камбудиҳои ҷойдошта ислоҳшаванда буда, аксарияти онҳо наметавонанд арзиши илмии рисоларо коста гардонанд ва ба муҳтавои он халал ворид созанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Аз рӯйи мавзӯи рисола дар конфронсу симпозиумҳои байналмилалӣ, инчунин конференсияҳои илмии солонаи устодону кормандони МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров” (солҳои 2011-2021-ум) маъруза хонда шудааст. Доир ба мавзуи рисола 3 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи назди КОА-и ҶТ ва 6 мақола дар дигар маҷаллаҳои илмӣ интишор ёфтаанд.

Теъдоди маволи чопшудаи диссертант ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидвич ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Сабку салиқаи рисола илмӣ, сохтори он бо муҳтаво мутобиқати комил дорад. Инчунин, сабки таълиф, истифодаи равишҳои илмӣ, масъалагузорӣ ва ҳаллу фасли онҳо ба он далолат мекунад, ки муаллиф аз мавзуи кори худ огоҳии комил дошта, фаъолияти мустақилонаи диссертантро дар масъалаҳои илмӣ баён менамояд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Агар андешаҳои хешро ба таври хулоса баён намоем, диссертатсияи Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович дар мавзуи «Истилоҳоти тиббии осори Ҳомид Зоҳидов (ҷанбаи лингвистӣ)» тадқиқоти анҷомёфта буда, ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Фишурда ба сохтор ва мазмуну муҳтавои рисола мутаносиб буда, мақолаҳое, ки муаллиф дар нашрияҳои тавсияшудаи Муассисаи давлатии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор сохтааст, мундариҷа ва натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқро инъикос мекунанд.

Муаллифи диссертатсия мавриди тақриз сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи забонҳо ва фанҳои гуманитарии МДТ “Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологӣ МИСИС дар шаҳри Душанбе”** **Нозимов А. А.**

**12.12.2023**

**Суроға: 734042, ҶТ, ш.Душанбе, кучаи Назаршоев, 7**
**Телефон: (+992)907-72-56-66; (+992 37)2222004.**

**Имзои А.А. Нозимовро тасдиқ менамоям.**
**Сардори шуъбаи кадрҳои МДТ “Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологӣ МИСИС дар шаҳри Душанбе”** **Зарипова М.А.**

ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ